# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Дарвозиева Ҳанифа Шодибековна дар мавзӯи “Ҷашну маросимҳои анъанавӣ-тақвимии тоҷикони Рушон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.07 – Мардумшиносӣ, этнология ва антропология). Душанбе, 2024.**

Диссертатсияи Ҳанифа Шодибековна Дарвозиева ба масъалаи муҳими илми этнографияи тоҷик – ҷашну маросимҳои тақвимии тоҷикони кӯҳистон бахшида шудааст, ки имрӯз Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ дар сиёсати худ ба эҳё намудани ҷашну маросимҳои миллии тоҷикон афзалияти махсус додааст. Аз ин лиҳоз, омӯхтани урфу одати тоҷикони кӯҳистон, аз ҷумла рушониён, айни замон буда, саҳифаи навро дар таърихнигорӣ ва этнологияи тоҷик боз менамояд.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи номзадии Ҳ. Ш. Дарвозиева ба бандҳои асосии шиносномаи ихтисосҳои КОА дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.07 – Мардумшиносӣ, этнология ва антропология) пурра мутобиқат менамояд.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Баррасии мавзӯи таърихи ҷашну маросимҳои тоҷикони Рушон дар замони ҳозира, ки яке аз рукнҳои омӯзиш ва таҳқиқи тарихи тоҷикони ҷаҳон ба шумор меравад, хеле ҳам рӯзмарра буда, дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик саҳифаҳои нав ворид месозад ва ба бисёр масоили баҳсталаб равшанӣ меандозад.

Вобаста ба ин масъала муҳимияти мавзӯъ аз инҳо иборат аст, ки дар солҳои охир душманони миллати тоҷик дар масъалаи

бадахшониён консепсияҳои ғайрилмиро (хусусан дар самти этногенез) истифода бурда истодаанд, ки хилофи ҳақиқати таърихӣ мебошанд, аз ин рӯ таҳқиқ намудани мавзӯи мазкур имконият медиҳад, ки ба ин гуна таърихнависони навбаромад ҷавоби аниқ дода мешавад.

Мубрамии мавзуъ боз дар он зоҳир мегардад, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар эҳё намудани ҷашну маросимҳо, анъанаҳо, урфу одатҳои миллӣ саҳмгузор мебошад ва он ба яке аз самтҳои асосии сиёсати дохилии давлат табдил ёфтааст. Ғайр аз ин, таҳқиқ намудани масъалаи мазкур имкон медиҳад, ки он урфу одатҳои мардуми Рушон, ки аз байн рафтанд ва ё дар зинаи азбайнравӣ мебошанд мавриди барқарору ҳифозат қарор дода шаванд. Ва охирон то имрӯз дар илми этнографияи тоҷик масъалаи мазкур омӯхта нашудааст ва диссертатсияи мазкур аввалин кӯшиш дар ин самт хоҳад шуд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд** аз он иборат аст, ки бори аввал дар шакли мукаммал масъалаҳои ҷашну маросимҳои анъанавӣ-тақвимии рушониён таҳқиқ гардидаанд. Дар диссертатсия назар ва андешаҳои муҳаққиқони мухталиф оид ба масъалаи мазкур ҷамъоварӣ ва таҳлил шудаанд.

Муаллиф дар рафти навиштани диссертатсия ба консепсия ва назарияи муҳаққиқини забардасти тоҷик такя намуда, аз усулҳои муқоиса, таҳлили муқоисавӣ, мушоҳида, усули саҳрой-пурсуҷӯӣ, синтез, таърихӣ-назариявӣ, таърихӣ-амалӣ ва инчунин усулҳои этнографӣ истифода карда, нуқтаҳо ва хулосаҳои илмиро пешкаш кардааст.

Сохтори диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, хулоса, номгӯи сарчашмаҳо ва адабиёти илмӣ иборат мебошад.

**Дар муқаддима** мубрамии мавзӯи таҳқиқ асоснок шуда, сатҳи омӯзиши он, объекти таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои назариявӣ ва

методологӣ, навгонии илмӣ, сарчашмаҳои таҳқиқотии рисола, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодгардида, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ, сохтор ва ҳаҷми рисола муайян гардидаанд.

Боби аввали диссертатсия ***“Ҳисоби вақт ва идҳои тақвимӣ-анъанавӣ”*** ном дошта, аз се зербоб иборат мебошад, ки дар он масъалаҳои таърих ва ҷуғрофияи, тақвими анъанавии мардуми Рушон ва ҷашнҳои анъанавию динии тоҷикон Рушон баррасӣ гардидааст.

Муаллиф менависад, ки Рушон мулки таърихиест, ки дар Кӯҳистони Бадахшон ҷойгир буда, дар доираи илмӣ бори нахуст муҳаққиқон ва сайёҳони русу англис дар асри XIX, оид ба таърих ва ҷуғрофияи Рушон маълумоти муфассалтар пешниҳод намудаанд. Диссертант менависад, ки дар натиҷаи баста шудани шартномаи соли 1895 байни Британия ва Россия Рушон ба се қисм тақсим гардида, соҳили рости дарёи Панҷ ба аморати Бухоро, соҳили чапи дарёи Панҷи Рушон ба тасарруфи Афғонистон даромад, мавзеи Рошоров ва деҳоти атрофи он бошад бо номи волости дуюми Рушон ба ҳайати вилояти Фарғонаи Генерал-губернатории Туркистон шомил шуд.

Дар солҳои аввали ҳокимияти Шуравӣ Рушон аввал ба ду ноҳия: Рушон ва Бартанг ҷудо карда шуд ва оқибат боз дар як ноҳия муттаҳид гардида, имрӯз низ яке аз ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки рушониҳо низ мисли тоҷикони бархе минтақаҳо тақвими махсуси худ – ҳисоби вақт аз рӯи қисмҳои бадани одамро доранд, ки он бо ҳаракати солонаи офтоб асос ёфтааст.

Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки рушониён, як қатор хусусиятҳои архаистии ҷашну маросимҳои миллии тоҷиконро ҳифз нигоҳ доштаанд. Ҷашни якуми тақвими рушониён *«Офтоб дар мард»* мебошад, ки тибқи як манбаъ ба 28 – 29 январ, мувофиқи дигар маълумот ба 30 – 31 январ рост меояд. Ҷашни дуюм Батаём мебошад,

ки тибқи ахбори муҳаққиқони тоинқилобии рус Батаём дар Рушон соли нав ҳисоб мешуд. Ҷашни навбатӣ Наврӯз буда, баробари ҷашнҳои миллӣ боз рушониҳо идҳои мусулмонӣ – Рамазон ва Қурбонро қайд менамоянд.

Хулоса, дар Рушон ҷашнҳои анъанавӣ ва диниро бо хусусияти хоси маҳаллӣ ҷашн мегиранд.

Боби дуюми диссертатсия ***"Ҷашну маросимҳо вобаста ба хоҷагидорӣ"*** унвон дошта, дар ду зербоби он масъалаҳои ҷашну маросимҳои кишоварзию чорводории рушониён таҳқиқ гардидааст.

Дар диссертатсия зикр шудааст, ки ҷашнҳои тақвимии кишоварзӣ мавҷуданд, ки ба ивазшавии фаслҳои сол, гусел намудани зимистон, пешвозгирии баҳор, тайёрӣ ба кишти баҳорӣ, оғози корҳои саҳроии баҳорӣ, ҷамъоварии ҳосили тирамоҳӣ ва ғайраҳо алоқаманданд, мебошанд. Ин гуна ҷашнҳо бо тақвими халқии кишоварзӣ пурра мувофиқ буда, дар замонҳои қадим пайдо шудаанд.

Яке аз ҷашнҳои кишоварзони рушонӣ тухмибарорӣ мебошад. Дар байни кишоварзони рушонӣ обмонии аввал ба зироат низ муҳиммияти хос дошта, ҷашни махсусро қайд мекарданд. Ҳамин тавр, ҷашну маросимҳои кишоварзии мардуми Рушон аз ҷашни *Oftob dar mard* ибтидо гирифта, то ба Наврӯзи тирамоҳ ҷамъбаст мегардиданд. Дар баргузории ҷашну маросимҳои кишоварзӣ муайян намудани вақту соат нақши асосӣ бозӣ кардааст.

Дар диссертатсия оварда шудааст, ки баробари кишоварзӣ дар ҳаёти рушониён чорводорӣ низ нақш дошта, ҷашну маросимҳои махсуси соҳаи мазкур амал мекарданд. Тибқи одат баъди 20 – 30 рӯзи Наврӯз чорводорон ба айлоқ раҳсипор мешуданд. Аз рӯи тақвими ҳисоб аз рӯи бадани одам ин ба даҳаи охири моҳи апрел сурат мегирад. Рушониҳо то равон шудан ба айлоқ якчанд расму маросимро қайд мекарданд. Айни замон бошад баъзе аз расму оин ва маросимҳои

қадима қариб моҳияташро гум карда, аксарияти маросимҳо вобаста ба он иҷро намешаванд ё аз байн рафтаанд.

Боби сеюми диссертатсия ***“Маросимҳои доираи ҳаётии мардуми Рушон”*** аз се зербоб иборат ёфта, дар он оид ба ҷашну маросимҳо дар алоқамандӣ бо таваллуд ва тарбияи кӯдак, маросимҳои тӯёна ва маросимҳо вобаста ба марг ва азодорӣ маълумот оварда шудааст.

Муаллифи диссертатсия қайд менамояд, ки ба монанди дигар минтақаҳои тоҷикнишин дар байни рушониҳо ҳам маросимҳо дар алоқамандӣ ба таваллуд кӯдак ва нигоҳубини вай аз лаҳзаи фаро расидани вақти таваллуд оғоз мегарданд. Ҷашну маросимҳо вобаста ба таваллуди кӯдак ва тарбияи ӯ низ дар ҳаёти ҳаррӯзаи рушониён нақши муҳим бозӣ карда, дар таҷлили онҳо вақти муайянро риоя намуда, соати некро интихоб менамоянд.

Яке аз муҳимтарин расму оинҳои мардуми Рушон баргузории тӯйи арусӣ мебошад. Маросими тӯйи рушониён низ аз иҷро намудани чанд силсилаоину расм иборат мебошад. Дар баргузории онҳо муҳиммият доштани интихоби рӯзи нек, вақту соат барои рӯзи тӯй ва бастани ақди никоҳ, ҷиддан риоя намудани тақсимоти вақти муайяни рӯз барои бастани никоҳ бо духтар ва бевазан, ҳатмӣ будани розигии тарафайн ҳангоми бастани ақди никоҳ шарт будааст.

Дар диссертатсия оид ба маросимҳои маргу азодорӣ маълумот дода шуда, қайд гардидааст, ки расми ёдбуди давраи ҳаётӣ то охири солҳои Шуравӣ гоҳ-гоҳ иҷро мешуд, аммо имрӯз он аз байн рафтааст.

**Дар хулосаи диссертатсия** фикри ҷамъбастии муаллиф оид ба мавзуъ оварда шуда, инчунин пешниҳодҳои назариявӣ ва тавсияҳои ӯ низ боиси қабул мебошанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия пешкаш гардидаанд, аз лиҳози илмӣ-методологӣ асоснок шуда, бо принсипҳои таҳқиқотии илмӣ этнография мувофиқ мебошанд. Онҳо

дар муқоиса бо нуктаҳо ва хулосаҳое, ки дар илмҳои этнография, этнология ва антропология истифода мешаванд, хислати навгонӣ доранд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия** аз он иборат аст, ки натиҷаҳои таҳқиқро метавонанд, мардумшиносон ва фарҳангшиносон дар раванди омӯзиш ва эҳё намудани ҷашну маросимҳои миллии тоҷикон, ҳангоми тарбия намудани насли ҷавон дар рӯҳияи худшиносии миллӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор диҳанд. Дар самти рушди инфросохтори иқтисодӣ метавон натиҷаҳои диссертатсияро дар ҷалб намудани сайёҳони хориҷӣ ба Тоҷикистон ва ба роҳ мондани туризми этнографӣ, этнолингвистикӣ, этномаданӣ дар минтақа истифода бурд.

Маводи диссертатсияро метавон, дар рафти навиштани асарҳои илмӣ оид ба таърихи халқи тоҷик, таърихи фарҳанги тоҷикон ва мардумшиносӣ, инчунин дар рафти тартиб додани маводи таълимӣ роҷеъ ба этнография, этнология ва антропология истифода кард.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Унвонҷӯ, Ҳанифа Шодибековна Дарвозиева, оид ба диссертатсия худ 8 мақоларо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақоларо дар дигар нашрияҳо аз чоп баровардааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талабот.** Сохтор ва мундариҷаи асосии диссертатсияи Дарвозиева Ҳанифа Шодибековна мувофиқ ба талабот ва меъёрҳои муайяншудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, ҷавобгӯи он мебошад. Мазмуни автореферат бо диссертатсия комилан мувофиқ мебошад.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсияи Дарвозиева Ҳанифа Шодибековна низ баъзе нуқсону норасоӣ ба назар мерасанд, ки инҳо мебошанд:

1. Зарур мебуд, ки дар кадом деҳаҳо ё қисмати ноҳияи Рушон истифодабарӣ аз тақвимҳои мардумӣ то ҳозир бештар боқӣ мондааст, васеътар нишон дода мешуд, инчунин дар диссертатсия тақвими рушониён бо тақвимҳои сокинони Рашт, Дарвозу Шуғнон ба таври васеъ муқоиса нашудааст.

2. Мебоист этимологияи ҷашн ва маросимҳо васеътар шарҳ дода мешуданд ва барои муқоиса диссертант бояд бештар ҷашну маросимҳои рушониёнро бо тоҷикони дигар минтақаҳо, махсусан Шуғнон, Вахон ва ғайра муқоиса мекард.

3. Дар диссертатсия оид ба расму оин ва маросимҳои тоҷикони рушонӣ маълумоти ҷолиб оварда шудааст, ки ба фоидаи кор мебошад, аммо дар ин росто диссертант оид ба маросими дафнии поямол маълумоти мухтасар пешкаш намудааст. Азбаски маросими мазкур дар ҳолати азбайнравӣ қарор дорад, хуб мешуд, ки тарзи иҷро, моҳият ва мазмуни онро аз нақли кӯҳансолони минтақа васеътар инъикос мекард.

4.Диссертант маросимҳои тӯёнаи рушониҳоро бо бархе ноҳияҳои Кӯҳистони Бадахшон қиёс намудааст ва хулосаҳои ҷолибро низ баровардааст, аммо масъалаи мазкур бо расму маросими тоҷикони дигар минтақаҳо ба таври васеъ муқоиса нагардидааст.

5.Дар матни диссертатсия камбудиҳои техникию имлоӣ низ ба чашм мерасанд.

Аммо эродҳои зудислоҳшаванда қимати илмии диссертатсияро кам намегардонанд, зеро диссертатсия дар мавзӯи ниҳоят муҳими этнофарҳангӣ навишта шуда, унвонҷӯ мақсад ва вазифаҳои таҳқиқро ба пуррагӣ иҷро кардааст ва мазмуни кор бо ихтисоси илмӣ ба таври комил мутобиқат менамояд.

**Хулоса,** диссертатсия дар мавзӯи ***«Ҷашну маросимҳои анъанавӣ-тақвимии тоҷикони Рушон»*** кори ба анҷом расида ҳисобида шуда, ба талаботи бандҳои 31 – 35 -и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он – Дарвозиева Ҳанифа Шодибековна – сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.07 – Мардумшиносӣ, этнология ва антропология) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**дотсенти кафедраи таърихи**
**халқи тоҷики Донишгоҳи**
**давлатии Кӯлоб ба номи**
**Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ,**
**номзади илмҳои таърих** **Сафаров Холмад Хоркашович**

Суроға: 35360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16,
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ;
тел.: (833-22) 2-35-06; 992 988622658, факс: (833-22) 2-35-06
почтаи электронӣ: info@kgu.tj, сомонаи интернетӣ: www.kgu.tj

**Имзои номзади илмҳои таърих, дотсент**
**Х.Х. Сафаровро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДДК ба номи**
**Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** **Амиров Файзуллоҳуҷа Азизович**

**«06» майи 2024 с.**